دولة الكويت
وزارة الخارجية - الإدارة القانونية
صورة طبق الأصل

# СОЗИШНОМА
## байни Ҳукумати Давлати Кувайт ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба алоқаи ҳавоӣ

Ҳукумати Давлати Кувайт ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд «Тарафҳои Аҳдкунанда» номида мешаванд;

ҳамчун иштирокчиёни Конвенсияи байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ, ки барои имзо дар Чикаго аз 7 декабри соли 1944 кушода аст;

бо нияти бастани Созишнома оид ба ҷорӣ намудани алоқаи ҳавоии доимӣ байни қаламравҳои дахлдор ва берун аз он;

ба мувофиқаи зерин расиданд:

### Моддаи 1
### Мафҳумҳо

Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур, агар дар матн тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад:

а) истилоҳи **«Конвенсия»** - маънои Конвенсияи байналмилалии ҳавопаймоии гражданиро, ки барои имзо дар Чикаго аз 7 декабри соли 1944 кушода аст, аз ҷумла ҳама гуна Замимаи тибқи моддаи 90-и Конвенсияи мазкур қабулгардида ва ҳамчунин ҳама гуна иловаҳо ба Замимаҳо ва Конвенсия тибқи моддаи 90 ва 94 то он дараҷае, ки ин Замимаҳо ва иловаҳо нисбат ба ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда қобили амал мебошад, ифода менамояд;

б) истилоҳи **«маъмурияти авиатсионӣ»** - нисбат ба Давлати Кувайт Мудирияти кул оид ба авиатсияи гражданӣ ва нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар ҳар ду маврид ягон шахс ё мақомотро ифода мекунад, ки айни замон ваколатдор аст, аз тарафи ин ҳокимияти зикршуда вазифаҳоро амалӣ созад;

в) истилоҳи **«ширкати ҳавопаймоии таъингардида»** - маънои ягон ширкати ҳавопаймоиро дорад, ки аз ҷониби маъмуриятҳои авиатсионии Тарафҳои Аҳдкунанда дар асоси ирсол намудани огоҳиномаи хаттӣ барои амалисозии парвозҳо дар хатсайрҳои дар Замимаи Созишномаи мазкур пешбинишуда, муайян карда мешаванд ва ба онҳо рухсати баробар дар асоси моддаи 3-и Созишномаи мазкур барои иҷрои парвозҳо дода мешавад;

г) истилоҳи **«қаламрав»** - нисбат ба давлат маънои дар моддаи 2-и Конвенсия муайянгардидаро ифода менамояд;

д) истилоҳи **«хизматрасонии ҳавоӣ»**, **«хизматрасонии ҳавоии байналмилалӣ»**, **«ширкати ҳавопаймоӣ»** ва **«таваққуф бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ»** - маънои дар моддаи 96 Конвенсия муайянгардидаро ифода менамояд;

е) истилоҳи **«ғунҷоиш»:**

i) нисбат ба ҳавопаймо маънои ғунҷоиши боргирии мавҷудаи ҳавопайморо дар хатсайр ё қисми хатсайр ифода менамояд

ii) ва нисбат ба хизматрасонии мувофиқашуда маънои ғунҷоиши ҳавопаймо, ки дар хатсайр ё қисми хатсайр ҳангоми хизматрасонии бисёркарата истифода менамояд, мефаҳмонад;

ё) истилоҳи **«ҳамлу нақл»** - дорои маънои интиқоли мусофирон, бор ва почта мебошад;

ж) истилоҳи **«нарх»** - нархҳои барои интиқоли мусофирон, бағоҷ ва борҳо, ҳамчунин шартҳое, ки ин нархҳо татбиқ мегарданд, аз ҷумла пардохти хизматрасонии аз ҷониби агентиҳо пешниҳодшаванда, ба истисноии пардохти интиқоли почтаро ифода менамояд;

з) истилоҳи **«хароҷоти истифодабаранда»** - маънои хароҷотеро дорад, ки аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоӣ барои таъмини фурудгоҳ, аэронавигатсия ё бехатарии моликият ё иншооти авиатсионӣ пардохта мешавад;

и) истилоҳи **«Замима»** - маънои Замима ба Созишномаи мазкур ё ислоҳҳорро дар асоси талаботи моддаи 18 Созишномаи мазкур дорад. Замима қисми таркибии Созишномаи мазкур буда, тамоми истинод ба Созишномаи мазкур, истинод ба Замимаро дар бар мегирад, ба истисноии ҳолатҳое, ки тартиби дигар мувофиқа нашуда бошад;

к) истилоҳи **«Созишнома»** - маънои Созишномаи мазкур, замимаи он, тағйиру иловаҳо ба Созишнома ва ё Замимаро дорад.

л) истилоҳи **«нақлиёти ҳавоӣ»** - маънои ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷ бор ва почтаро алоҳида ва ё дар якҷоягӣ муздлнок ва ё кироя дорад.

## Моддаи 2
## Додани ҳуқуқҳои тиҷоратӣ

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҳуқуқҳоеро, ки ҳангоми татбиқи Созишномаи мазкур бо мақсади иҷро намудани интиқоли ҳавоии байналмилалӣ аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардида дар самтҳои дар Замимаи Созишномаи мазкур муқаррар гардидааст, (минбаъд «ширкатҳои таъингардида» ва «хатсайрҳои муайяншуда») пешниҳод менамояд.

2. Дар асоси муқаррароти Созишномаи мазкур, ширкати ҳавапаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳангоми иҷро намудани интиқоли ҳавоӣ аз рӯи хатсайрҳои муқарраргардида аз ҳуқуқҳои зерин истифода менамояд:

а) ҳуқуқи бе нишаст парвоз намудан аз қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар;

б) ҳуқуқи фуруд омадан дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ;

в) ҳуқуқи фуруд омадан дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар дар маҳалҳои дар Замимаи Созишномаи мазкур муқарраргардида, бо мақсади фуруд омадан ё фаровардани мусофирон, боргирӣ ё гирифтани почта ва бор.

3.Ширкатҳои ҳавопаймоии ҳар як Тараф, ба истиснои он ширкатҳое, ки тибқи моддаи 3 Созишномаи мазкур таъин гардидаанд, инчунин аз ҳуқуқҳои пешбининамудаи зербандҳои а), б) ва в) банди 2 моддаи мазкур истифода мебаранд.

4. Ба ҳеҷ ваҷҳ банди 2 моддаи мазкур ба ширкатҳои ҳавопаймои ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқи гирифтани мусофирон, бағоҷ, бор ва почтаро ба ҳавопаймоии худ барои ҳамлу нақл байни нуқтаҳои қаламрави кишвари Тарафи Аҳдкунандаи дигар дар асоси мукофотпулӣ ё киро намедиҳад.

## Моддаи 3
## Таъиноти ширкати ҳавопаймоӣ ва додани иҷозатномаҳо

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ дорад дар шакли хаттӣ як ё якчанд ширкатҳои ҳавопаймоиро бо мақсади истифода намудани хатҳои ҳавоии шартномавӣ (тибқи Созишномаи мазкур) мувофиқи розигии тарафҳо таъин намояд ва чунин таъинотро бекор ё тағйир диҳад.

2. Дар баробари гирифтани огоҳинома дар бораи таъинот ва аризаи ширкати ҳавопаймоии таъингардида бо шакл ва усули барои истифодабарӣ ва иҷозатдиҳии техникӣ муқарраргардида, ҳар як Тарафи Аҳдкунанда иҷозатномаи дахлдори истифодабариро бо расмиёти камтарини батаъхирандозӣ ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқҳои дар моддаи 2 Созишномаи мазкур пешбинишуда, пешниҳод мекунад, ба шарте, ки:

а) агар фаъолияти асосии ширкати ҳавопаймоӣ дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанда хизматрасонии ширкати ҳавопаймоии таъингардида бошад. Ва он назорати самарабахши меъёрии ширкати ҳавопаймоиро ба зимма дошта, дорои Сертификати Оператори Ҳавопаймоӣ мебошад, ки аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунанда дода шудааст.

б) агар ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунанда тибқи муқаррароти моддаҳои 14 (бехатарии парвоз) ва 16 (бехатарии ҳавопаймоӣ) Созишномаи мазкур фаъолият намояд;

в) агар ширкати ҳавопаймоии таъингардида соҳибихтисос бошад, ки қонеъкунандаи шартҳои муқаррарнамудаи қонунҳо ва қоидаҳои меъёрӣ ҷиҳати пешниҳоди фаъолияти хизматрасонии нақлиёти ҳавоии байналмилалӣ аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи таъингардида бошад.

3.Ҳангоми гирифтани иҷозатнома ширкати ҳавопаймоии таъингардида, метавонад дар асоси бандҳои 1 ва 2 моддаи мазкур иҷрои интиқоли ҳавоии мувофиқашударо дар ҳар вақт оғоз намояд ба шарте, ки ширкати ҳавопаймоӣ ба талаботи муқаррароти пешбининамудаи Созишномаи мазкур ҷавобгӯ бошад.

## Моддаи 4
صورة طبق الأصل
## Боздоштан ва бекор кардани ваколатҳо

1. Маъмурияти ҳавопаймоии ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ доранд пешниҳоди ваколатҳоро, ки дар банди 2 моддаи 3 Созишномаи мазкур нисбат ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ, ки Тарафи Аҳдкунандаи дигар таъин намудааст, дар

ҳолатҳои зерин бекор кунад, боздорад ё барои муваққатан, ё доимӣ ҷорӣ намудани шартҳо ба чунин иҷозатномаҳо тадбирҳо андешад, агар:

а) ширкати ҳавопаймоӣ натавонад макони асосии фаъолияти худро дар қаламрави ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунанда нигоҳ дорад. Ва он назорати самарабахши меъёрии ширкати ҳавопаймоиро ба зимма дошта, дорои Сертификати Оператори Ҳавопаймоӣ бошад, ки аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунанда дода шудааст, нигоҳ дошта тавонад;

б) дар сурати ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунанда тибқи муқаррароти моддаҳои 14 (бехатарии парвозҳо) ва 16 (бехатарии ҳавопаймоӣ) Созишномаи мазкур амал накунад;

в) ҳангоми корношоямӣ ширкати ҳавопаймоии таъингардида соҳибихтисос бошад, ки қонеъкунандаи шартҳои муқаррарнамудаи қонунҳо ва қоидаҳои меъёрӣ ҷиҳати пешниҳоди фаъолияти хизматрасонии нақлиёти ҳавоии байналмилалӣ аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи таъингардида бошад.

2. Агар амали фаврӣ барои пешгирии вайрон шудани қонунҳо ва қоидаҳои меъёрии дар боло зикршуда аҳамияти муҳим надошта бошад ё агар бехатарӣ ва амният андешидани чораҳоро тибқи муқаррароти моддаҳои 14 (бехатарии парвозҳо) ва 16 (бехатарии ҳавопаймоӣ) Созишномаи мазкур талаб намояд, ҳуқуқҳои зикршуда танҳо пас аз машварат байни маъмурияти ширкати ҳавопаймоӣ тибқи моддаи 17 Созишномаи мазкур татбиқ мегарданд.

## Моддаи 5
## Хароҷоти истифодабаранда

1. Ҳеҷ яки Тарафи Аҳдкунанда нисбати ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар хароҷоти исбифодабариро зиёд аз он хароҷоте, ки нисбати ширкатҳои худ дар чунин масири хизматрасонии байналмилалӣ фаъолият менамоянд, татбиқ намекунад ва иҷозати татбикро намедиҳад.

2. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда гузаронидани машваратҳоро байни мақомоти татбиққунандаи хароҷоти истифодабарӣ ё фурудгоҳ ва ё хадамоти хизматрасонии аэронавигатсия ва ширкатҳои ҳавопаймоии истифодабарандагон хизматрасониҳое, ки аз ҷониби мақомоти татбиққунандаи хароҷоти истифодабарӣ ва таъминкунандагони хизматрасонӣ таъмин мешавад, ҳавасманд менамоянд. Огоҳии қаблӣ роҷеъ ба тағйир ёфтани хароҷоти истифодабарӣ бояд ба чунин истифодабарандагон пешниҳод шавад, то ба онҳо имконият диҳад назари худро то ворид тағйирот баён намоянд. Ҳар Тарафи Аҳдкунанда мақомоти татбиққунандаи хароҷоти истифодабарӣ ё таъминкунандаи хизматрасониро ва чунин истифодабарандагонро роҷеъ ба мубодилаи иттилоот оид ба хароҷоти истифодабарӣ минбаъд ҳавасманд менамояд.

## Моддаи 6
## Озод кардан аз боҷ, андозҳо ва дигар пардохтҳо

صورة طبق الأصل

1. Ҳавопаймоҳое, ки дар алоқаи ҳавоии байналмилалӣ аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи як Тарафи Аҳдкунанда истифода мешаванд, ҳамчунин таҷҳизоти дохили онҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, захираи сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва захираҳои ҳавопаймо (аз ҷумла хӯрокворӣ, нӯшокӣ ва тамоку), ки дар дохили ҳавопаймо мавҷуданд, ҳангоми омадан ба қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар бояд дар асоси мутақобила аз пардохти боҷи гумрукӣ ва дигар андозҳо ва пардохтҳо озод карда шаванд, ба шарте, ки ин молу ашё, мавод ва захираҳо то лаҳзаи аз қаламрави ин давлати Тарафи Аҳдкунандаи дигар рафтани ҳавопаймо дар дохили он боқӣ монад.

2. Ҳамчунин дар асоси мутақобила ва қонуну қоидаҳои амалкунандаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда маводи мазкур аз пардохти боҷу андоз озод карда мешаванд:

а) захираҳои дохили ҳавопаймо (аз ҷумла хӯрокворӣ ва нӯшокиҳо), ки дар қаламрави давлати як Тарафи Аҳдкунанда дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи мақомоти салоҳиятдори ин Тарафи Аҳдкунанда гирифта ва барои истифода дар дохили ҳавопаймое, ки парвозҳои шартномавии ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар истифода мешаванд, таъин шудаанд;

б) қисмҳои эҳтиётӣ, аз ҷумла муҳаррике, ки ба қаламрави давлати як Тарафи Аҳдкунанда барои хизматрасонии техникӣ ё таъмири ҳавопаймо дар парвозҳои шартномавӣ ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар истифодашаванда ворид гардидаанд;

в) сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва таҷҳизоти гирифташавандаи техникии дохили ҳавопаймо, ки дар дохили ҳавопаймо мебошанд, ба шарте ки ин таҷҳизот қисмҳои эҳтиётӣ ва захираҳо то лаҳзае, ки ин ҳавопаймо ҳангоми парвоз аз болои ин қаламрав истифода мешаванд дар дохили ҳавопаймо боқӣ монад.

Маводи дар зербандҳои а), б) ва в) банди 2 моддаи мазкур ҳамин модда зикрёфта, имкон дорад таҳти назорат ё мушоҳидаи мақомоти гумрукӣ қарор дода шаванд.

3. Молу мулки ширкат(ҳо)и ҳавопаймоии таъингардидаи яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ба монанди таҷҳизоти идоравӣ, молҳои канселярӣ, ҳуҷҷатҳои сафарӣ, аз ҷумла чиптаҳои ҳавопаймо, борхати авиатсионӣ, инчунин маводи реклама дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар аз тамоми боҷҳои гумрукӣ, пардохтҳои назоратӣ ва дигар боҷу андозбандиҳо озод карда мешаванд.

4. Таҷҳизоти дохили ҳавопаймо, ҳамчунин мавод ва захираҳои дохили ҳавопаймои як Тарафи Аҳдкунанда имкон дорад дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар танҳо дар мавриди гирифтани розигии мақомоти гумрукии ин Тарафи Аҳдкунанда фаровварда шаванд. Дар ин маврид то лаҳзае, ки баргардонидани онҳо дар асоси қоидаҳои гумрукӣ таҳти назорати ин мақомот қарор гиранд.

**Моддаи 7**

**Интиқоли маблағ**

صورة طبق الأصل

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҳуқуқи озодона интиқол додани маблағи даромади изофа аз хароҷот, ки ин ширкати ҳавопаймоӣ дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи аввал ба даст овардааст, фароҳам месозад. Бинобар ин, интиқоли мусофирон, бор ва почта дар асоси қоидаҳои амалкунандаи мубодилаи асъорӣ сурат мегирад.

2. Ҳар вақте, ки низоми пардохтҳо байни Тарафҳои Аҳдкунанда бо созишномаи махсус ба танзим дароварда шавад, Созишномаи мазкур татбиқ мегардад.

## Моддаи 8
## Таъсис додани намояндагии ширкати ҳавопаймоӣ

1. Ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқи кушодани намояндагии ширкати худро дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанди дигар дорад. Намояндагии ширкатҳои ҳавопаймоӣ метавонанд аз мутахассисони техникӣ, тиҷоратӣ ва маъмурӣ иборат бошанд.

2. Ширкат ё ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда мутобиқи қонун ва қоидаҳои Тарафи Аҳдкунандаи дигар вобаста ба вуруд омадан, будубош ва шуғл дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар метавонад фурӯши идорӣ, техникӣ, амалиётӣ ва дигар кормандони соҳибихтисоси зарурияро оварда, барои пешниҳоди хизматрасониҳои ҳавоӣ нигоҳ дорад.

3. Бо шарти риоя намудани истисноӣ дар банди 4 моддаи мазкур зикршуда, ширкати ҳавопаймоии таъингардида ё ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ дорад аз хизматрасониҳо ва кормандони ягон ташкилот ё ширкати ҳавопаймоии дигари дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанда амалкунанда истифода намояд.

4. Дар сурати пешбарии як агенти ё агенти умумӣ оид ба фурӯш, ин гуна агент бояд мутобиқи қонун ва қоидаҳои амалкунандаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда таъин карда шавад.

5. Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи миллии ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ва ҳар як ширкати ҳавопаймоии таъингардида ҳуқуқ дорад бо фурӯши ҳамлу нақли ҳавоӣ дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанда дигар бевосита ё тавассути агентҳои худ ва ягон шахси дигар, ки метавонад чунин интиқолро харидорӣ намояд, анҷом диҳад.

## Моддаи 9
## Татбиқи қонунҳо ва қоидаҳо

1. Қонуну қоидаҳои ин ё он Тарафи Аҳдкунанда, ки дар қаламрави он фуруд омадан ва рафтани ҳавопаймоҳоеро, ки интиқоли парвозҳои байналмилалиро иҷро менамоянд, ё навигатсияи ин ҳавопаймоҳоро ҳангоми дар қаламрави он қарор доштан танзим менамоянд, ба ҳавопаймоҳои ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар татбиқ карда мешаванд.

صورة طبق الأصل

2. Қонуну қоидаҳои ҳар як Тарафи Аҳдкунанда, ки ба қаламрави он фуруд омадан ва рафтани мусофирон, экипаж, боғоҷ, бор ва почта, аз ҷумла расмиёти вобаста ба қоидаҳои шиносномавӣ, гумрукӣ, асъорӣ муҳоҷиратӣ ва санитарию карантинӣ таалуқ дорад, ба танзим медароранд ва ба экипаж, мусофирон, бағоҷ, бор ва почтаи ширкати ҳавопаймоии ба воситаи ҳавопаймои таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҳангоми таваққуф дар ҳудуди қаламрави муайяншуда истифода карда мешаванд.

## Моддаи 10
## Воситаҳои иҷрои алоқаи ҳавоӣ

1. Ҳангоми иҷрои хизматрасонии ҳавоӣ ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда дар хатсайрҳои дар қаламрави онҳо муайнгардида, дорои имкониятҳои кофӣ ва баробар мебошанд.

2. Дар ҷараёни иҷрои хизматрасониҳои мувофиқашуда, ширкати ҳавопаймоии таъингардидади Тарафи Аҳдкунанда манфиатҳои ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигарро ба назар мегирад, то ба алоқаи ҳавоие, ки он дар ҳамин самт пурра ё қисман анҷом медиҳад таъсири манфӣ нарасад.

3. Дар ҳамаи хатсайрҳои муайяншуда, усулҳои хизматрасоние, ки ба ширкати ҳавопаймоии як Тарафи Аҳдкунанда дода шудааст, бояд бо усуле ки ба ширкати ҳавопаймоии дигар оид ба интиқол аз рӯи хатсайрҳои муқаррааргардида дода шудааст, пешниҳод гардад.

4. Хизматрасонии мувофиқашуда, ки ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафҳои Аҳдкунанда анҷом медиҳанд, мақсади аввалиндараҷаи он аз таъмини боргирӣ ҳангоми боргирии андозаи қобили қабули ба талаботи дахлдори мавҷуда ва асоснок пешбинигардидаи интиқоли ҳавоӣ аз/ба қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигари ширкати ҳавопаймоиии таъингардида иборат мебошад. Интиқоли ҳавоӣ бо боргирӣ ва ё нагирифтани бор дар қаламрави дигар Тарафи Аҳдкунанда аз/ба нуқтаи хатсайри муайяншуда дар қаламрави давлатҳое, ки Тарафҳои Аҳдкунандаи Созишномаи мазкур маҳсуб намеёбанд, бояд хусусияти иловагӣ дошта бошанд. Ҳуқуқҳои чунин ширкатҳои ҳавопаймоӣ оид ба анҷом додани интиқол байни самтҳои муайян дар хатсайри муқарраршуда дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар ва нуқтаҳое, ки дар қаламрави давлати сеюм бояд дар асоси манфиатҳои умумии рушди танзимгардидаи наклиёти ҳавоии байналмилалӣ амалӣ гардонида, ҳангоми усулҳои умумӣ муайян карда мешавад ва дар ин маврид ғунҷоиш бояд бо омилҳои зерин вобаста дошта бошад:

а) талабот ба интиқол аз/ба қаламрави Тарафҳои Аҳдкунандаи ширкати ҳавопаймоии таъингардида;

б) талабот ба интикол дар минтақа мавҷуда, ки хизматрасонии мувофиқашударо бо дарназардошти хизматрасониҳои нақлиётии минтақавӣ ва маҳаллии ширкатҳои ҳавопаймоии муқарраргардидаи давлатҳое, ки ин минтақа ба он дохил аст, анҷом дода мешавад;

в) талабот тавассути амалиёти ширкатҳои ҳавопаймоӣ.

صورة طبق الأصل

صورة طبق الأصل

**Моддаи11**
**Пешниҳоди ҷадвал ва слот**

1. Ширкати ҳавопаймоии таъингардида ба мақомоти дахлдори Тарафҳои Аҳдкунанда на дертар аз шаст (60) рӯз то ибтикори хизматрасонии мувофиқашуда дар хатсайрҳои муайяншуда тибқи моддаи 2 Созишномаи мазкур навъи хизматрасонӣ, ҳавопаймо ва вақти слот ва ё ҳар гуна тағйироти онро пешниҳод менамояд.

2. Мақомоти дахлдор, ки чунин вақти слотро гирифтааст, онро тасдиқ менамояд ва ё ба он тағйирот пешниҳод менамояд. Дар ҳар сурат ширкати ҳавопаймоии таъингардида то тасдиқ гардидани вақти слот аз ҷониби мақомоти дахлдор, хизматрасониро оғоз наменамояд. Чунин муқаррарот низ ба тағйироти минбаъда низ татбиқ мешаванд.

**Моддаи 12**
**Маълумоти оморӣ**

Маъмурияти ҳавопаймоии як Тарафи Аҳдкунанда ба маъмурияти ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи дигар дар асоси дархост маълумоти даврии омориро пешниҳод менамояд, ки имкон дорад бо таври асоснок барои мақсадҳои аз нав баррасӣ кардани боргирӣ талаб гарданд, ки ҳангоми хатҳои ҳавоии мувофиқашудаи ширкати ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи аввал таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 13**
**Нархҳо**

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд имконият диҳад, ки нархҳо барои интиқоли ҳавоӣ аз тарафи ҳар як ширкати ҳавопаймоии таъингардида бо дарназардошти арзиши тиҷоратии бозорҳои маҳаллӣ муқаррар карда шаванд. Дахолати ширкатҳои ҳавопаймоӣ бо дарназардошти нуқтаҳои зерин маҳдуд карда мешаванд:

а) пешгирӣ намудани нархҳо аз амалиёти беасос ва табйиз;

б) ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагон аз нархҳое, ки ниҳоят баланд ё бинобар сӯиистифода аз вазъи ҳукмфармо муқаррар шудаанд;

в) ҳифзи ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз нархҳое, ки бинобар дотатсия ё субсидияи мустақим ё ғайримустақими ҳукуматӣ ба таври сунъӣ паст мебошанд.

2. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад дар асоси ғайритабйизӣ огоҳинома, бақайдгирӣ ва ё мутобиқат бо маъмурияти авиатсионии худ нархҳое, ки аз ҷониби ширкати ҳавопаймоӣ дар қаламрави Тарафи

Аҳдкунандаи дигар иваз шудаанд, талаб намояд. Огоҳинома оид ба тарифҳо барои тасдиқ ба Маъмуриятҳои авиатсионии ҳар ду Тарафи Аҳдкунанд бояд на камтар аз 30 (сӣ) рӯз то ҷорӣ намудани онҳо пешниҳод карда шаванд. Дар ҳолатҳои махсус имкон дорад мӯҳлати огоҳиномаҳо дар мувофиқа кам карда шавад.

3. Ягон Тарафи Аҳдкунанда набояд таъин ва ё идома додани ивазшавии нархҳо (а) аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунанади дигар барои ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ байни қаламрави Тарафҳои Аҳдкунанда ва ё (б) ширкати ҳавопаймоии як Тарафи Аҳдкунанда барои ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар, инчунин дар ҳар ду ҳолати ҳамлу нақли дохилию берунӣ садди роҳ шавад. Дар ҳолате, ки маъмурияти ҳавопаймоии яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда аз тарифҳои амалкунанда ва пешниҳодшаванда барои ягон ширкати ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи дигар розӣ набошад, маъмуриятҳои ҳавопаймоӣ кӯшиш мекунанд, ки дар асоси талаботи банди 1 моддаи мазкур ин масъаларо тавассути машварат ҳал намояд ва ҳарчӣ зудтар огоҳинома ирсол намояд. Ин гуна машваратҳо бояд на дертар аз 30 (сӣ) рӯз пас аз гирифтани огоҳинома гузаронида шуда, тамоми масъалаҳои барои ҳалли мушкилӣ пешниҳодшаванда маҳфуз нигоҳ дошта шавад. Агар Тарафҳои Аҳдкунанда ба як мувофиқа оид ба таъини нархҳо, ки дар асоси огоҳинома пешниҳод шуда буд, нарасанд ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд кӯшиш намояд то ин мувофиқат дар амал татбиқ гардад. Бе мувофиқаи тарафайн нархҳои мавҷуда боқӣ мемонад.

## Моддаи 14
## Бехатарии парвозҳо

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунада метавонад дар ҳар вақти дилхоҳ барои гузаронидани машварат оид ба масъалаҳои таъмини бехатарии парвозҳо, экипажи парвозҳо, ҳавопаймоҳо ва истифодабарии ҳавопаймоҳо, ки аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар тасдиқ гардидаанд, мурочит намояд. Ин гуна машваратҳо дар мӯҳлати 30 (сӣ) рӯзи пас аз гирифтани чунин дархост гузаронида мешаванд.

2. Агар пас аз ин гуна машваратҳо, яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ошкор намояд, ки Тарафи Аҳдкунадаи дигар меъёрҳои бехатариро тибқи талаботи банди 1 моддаи мазкур дар яке аз ин соҳаҳо, ки ба меъёрҳои ҳадди ақали дар ин давра тибқи Конвенсия (минбаъд «меъёрҳои ИКАО») муқарраршуда самаранок риоя ё татбиқ намекунад, Тарафи Аҳдкунандаи аввал дар бораи далелҳои муайянгардида ва чораҳое, ки барои мувофиқат ба ин меъёрҳои ҳадди ақал меъёрҳои (ИКАО) зарур ҳисобида мешаванд ва дар хусуси он, ки Тарафи Аҳдкунадаи дигар амалҳои дахлдорро амалӣ намояд, огоҳ месозад. Тарафи Аҳдкунандаи дигар бояд ҷиҳати ҳалли ин масъала тамоми чораҳоро дар вақти муайяншуда андешад.

3. Дар асоси моддаи 16 Конвенсияи мазкур, ки ҳар гуна ҳавопаймое, ки ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи як Тарафи Аҳдкунанда барои интиқол ба/аз қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар истифода мегардад, метавонад

صورة طبق الأصل

ҳангоми дар ҳудуди қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар қарор доштан, мавриди санҷиши намояндагони ваколатдори Тарафи Аҳдкунанда қарор дода шавад, ба шарте, ки ин сабаби дермонии беасоси парвоз нагардад. Бо вуҷуди ӯҳдадориҳои моддаи 33 Конвенсия ҳар гуна ҳавопаймое, ки ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи як Тарафи Аҳдкунанда, ки барои интиқол ба/аз қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар истифода мегардад, дар дохил ва беруни ҳавопаймо ҷиҳати санҷиши эътиборнокии ҳуҷҷатҳои ҳавопаймо ва экипажи он барои мутобиқат ба меъёрҳои (ИКАО) гузаронида шавад.

4. Ҳангоми ба вуҷуд омадани эҳтиёҷот ҷиҳати эътимоднокии бехатарии парвозҳои ҳавопаймо, ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқи фавран боздоштан ё тағйир додани иҷозатномаи ширкат ва ё ширкатҳои Тарафи Аҳдкунандаи дигарро нигоҳ медорад.

5. Ҳар гуна амали як Тарафи Аҳдкунанда дар асоси банди 4 моддаи мазкур ҳар лаҳза, ки барои қатъи ин амал асос шуда метавонад, бояд қатъ гардонида шавад.

6. Агар расмиёти санҷиш дар перрон боиси:

а) нигарониҳои ҷиддӣ шавад, ки фаъолияти ҳавопаймо ба стандартҳои ҳадди ақал, ки дар Конвенсия дарҷ шудааст, мувофиқат намекунад;

б) нигарониҳои ҷиддӣ шавад, ки тибқи Конвенсия хизматрасонии самараноки техникӣ ва идоракунии меъёрҳои бехатарӣ вуҷуд надоранд.

Тарафи Аҳдкунандае, ки санҷиши зикршударо мегузаронад, барои мақсадҳои моддаи 33 Конвенсия, ба хулоса меояд, ки дар доираи талаботи сертификат ва ё иҷозатномаи барои ҳавопаймо ё нисбат ба экипажи ҳавопаймои мазкур додашуда, ки тибқи онҳо ҳавопаймо истифода бурда мешавад, ба стандартҳои ҳадди ақали муқарраршудаи Конвенсия баробар нестанд.

7. Ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда тибқи банди 3 моддаи мазкур, дар сурати наандешидани чораҳои дахлдор дар мӯҳлати зарурӣ, ҳуқуқ дорад тибқи банди 4 моддаи мазкур ваколати истифодабарии ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигарро боздорад ё бекор намояд.

8. Дар асоси банди 2 моддаи мазкур, агар муайян гардад, ки як Тарафи Аҳдкунанда талаботи меъёрҳои Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ (ИКАО)-ро дар мӯҳлати муқарраршуда иҷро накардааст, Котиботи генералии Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ (ИКАО) бояд огоҳ карда шавад. Дар огоҳинома бояд тамоми ҳолати мавҷуда дарҷ карда шавад.

## Моддаи 15
## Эътирофи шаҳодатномаҳо ва иҷозатномаҳо

1. Сертификатҳои коршоямии парвозӣ, шаҳодатномаҳои тахассусӣ ва иҷозатномаҳо, ки аз ҷониби яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дода шудаанд ё ҳамчун аслӣ эътироф шудаанд ва то ҳол эътибор доранд, бояд ҳамчун аслӣ аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар бо мақсади амалӣ намудани

хизматрасониҳои мувофиқашуда аз рӯи хатсайрҳои муайяншуда эътироф гарданд ва таъмин намоянд, ки чунин сертификатҳо ва иҷозатномаҳо мутобиқи меъёрҳои муқарраргардидаи Конвенсия дода шудаанд ва аз ҷониби Тарафи Аҳдкунанда ҳамчун аслӣ эътироф шудаанд. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ дорад бо мақсади амалӣ намудани парвозҳо аз қаламрави худ, сертификатҳои коршоямии парвоз ва иҷозатномаҳои аз ҷониби операторони худ ё барои онҳо аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар ё давлати дигар додашуда, даст кашад.

2. Маъмуриятҳои авиатсионии ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад тибқи банди 1 моддаи мазкур оид ба стандартҳои Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ ба маъмурияти авиатсионии Тарафи Аҳдкунандаи дигар вобаста ба воситаҳои ҳавопаймоӣ, экипаж, ё истифодабарии ҳавопаймо гузаронидани расмиёти машваратиро тибқи моддаи 13 Созишномаи мазкур талаб намояд. Агар аз рӯи натиҷаҳои ин машваратҳо яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ба хулосае ояд, ки Тарафи Аҳдкунандаи дигар меъёрҳои бехатариро дар ягон соҳаҳо ҳадди ақал ғайрисамаранок амалӣ менамояд, ки мутобиқи Конвенсия байналмилалӣ, муқаррар карда шудааст, бояд Тарафи Аҳдкунандаи дигарро оид ба хулосаю чораҳое, ки барои мутобиқат ба ин стандартҳои минималӣ зарур мешуморад, огоҳ намояд. Дар сурати ба мувофиқа нарасидан асос барои истифода намудани моддаи 14 Созишномаи мазкур маҳсуб меёбад.

صورة طبق الأصل

## Моддаи 16
## Бехатарии ҳавопаймоӣ

1. Мутобиқи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ, тибқи шартномаҳои байналмилалӣ Тарафҳои Аҳдкунанда бори дигар тасдиқ менамоянд, ки ӯҳдадориҳои онҳо дар назди ҳамдигар вобаста ба ҳифзи бехатарии ҳавопаймоии гражданӣ аз амалҳои дахолати ғайриқонунӣ, қисми таркибии Созишномаи мазкурро ташкил медиҳад. Умуман ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро тибқи қоидаҳои байналмилалӣ маҳдуд насохта, Тарафҳои Аҳдкунанда дар асоси муқаррароти Конвенсия дар бораи қонунвайронкуниҳо ва дигар амалҳои зиддиқонунии дар дохили ҳавопаймо содиршаванда, ки 14 сентябри соли 1963 дар Токио имзо шудааст, Конвенсия дар бораи пешгирии ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳо аз 16 декабри соли 1970, ки дар Гаага имзо шудааст, Конвенсия дар бораи пешгирии дахолати ғайриқонунӣ зидди бехатарии ҳавопаймоии гражданӣ равонгардида, ки дар Монреал 23 сентябри соли 1971 имзо расидааст ва дар асоси Протокол дар бораи пешгирии амалҳои ғайриқонунии зӯроварӣ дар фурудгоҳҳое, ки ба ҳавопаймоии граждании байналмилалӣ хизмат мерасонанд ва дар Монреал 24 феврали соли 1988 имзо шудааст, ҳамчунин муқаррароти дигар Конвенсияҳои ба бехатарии ҳавопаймоҳои гражданӣ дахлдошта, ки ба онҳо ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда ҳамроҳ шудаанд, амалӣ менамоянд.

2. Тарафҳои Аҳдкунанда дар асоси хоҳиш ба ҳамдигар ҷиҳати пешгирии амалҳои забти ғайриқонунии ҳавопаймоҳои гражданӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунии зидди бехатарии ин гуна ҳавопаймоҳо, мусофирон ва экипажҳои онҳо, фурудгоҳҳо ва воситаҳои аэронавигатсионӣ, ҳамчунин бартараф сохтани

харгуна таҳдиди бехатарии ҳавопаймоии гражданӣ равонагардида, ҳама гуна кӯмаки зарурро мерасонанд.

3. Тарафҳои Аҳдкунанда дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар асоси қоидаҳои бехатарии ҳавопаймоӣ, талаботи техникии аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоӣ муқаррargardida, ки замимаҳо ба Конвенсия номгузорӣ шуда, то он дараҷае, ки ин қоидаҳо оид ба бехатарӣ ва талабот нисбати ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда татбиқ гардида метавонанд, амал менамоянд. Онҳо талаб мекунанд, ки истифодабарандагони ҳавопаймоҳое, ки ба қайд гирифта шудаанд ва ҷойи фаъолияти асосӣ ё макони доимии ҷойгиршавии онҳо дар қаламрави он мебошад, ҳамчунин истифодабарандагони фурудгоҳҳои қаламрави онҳо дар асоси ин қоидаҳои бехатарии ҳавопаймоҳоӣ фаъолият дошта бошанд.

4. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба мувофиқа меояд, ки ба истифодабарандагони ҳавопаймоҳо талаботи риояи қоидаҳои бехатарии ҳавопаймоии дар банди 3 моддаи мазкур, ки Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҳангоми фуруд омадан, рафтан ё будубош дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар татбиқ мешавад, пешниҳод мегардад. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда дар ҳудуди қаламрави он ҷиҳати ҳифзи ҳавопаймоҳо ва муоинаи мусофирон, экипажҳо, бори дастӣ, бағоҷ, борҳо ва захираҳои дохили ҳавопаймоҳо то ва ҳангоми савор кардану фаровардан аз ҳавопаймо иҷрои чораҳои пурсамари зарурро кафолат медиҳад. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳамчунин ҳар гуна дархостеро, ки аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар оид ба андешидани чораҳои асосноки махсуси бехатарӣ вобаста ба таҳдиди мушаххас пеш меояд, баррасӣ мекунад.

5. Вақте ки Тарафи Аҳдкунанда дорои асосҳои мушаххас бошад, ки Тарафи Аҳдкунандаи дигар аз доираи муқаррароти моддаи мазкур баромадааст, Тарафи Аҳдкунандаи якум метавонад машварати фавриро дархост намояд. Чунин машваратҳо бояд дар давоми 15 (понздаҳ) рӯз аз лаҳзаи гирифтани чунин дархост аз ҷониби яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда оғоз шаванд. Ба мувофиқа нарасидан дар муддати 15 (понздаҳ) рӯз аз лаҳзаи оғози машваратҳо ё чунин давраи дигар метавонад боздоштан, бекор кардан, қатъ кардан ё гузоштани шарт ба ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи аҳдкунандаи дигар асос шавад. Вақте ки чунин риоя накардан бо ҳолати фавқулодда вобаста шуда бошад Тарафи Аҳдкунандаи якум метавонад амали муваққатиро ҷорӣ намояд. Ҳама гуна тадбирҳои андешидашуда тибқи банди мазкур бояд бо риоя намудани он аз ҷониби Тарафи Аҳдкунанда қатъ карда шавад.

6. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда тадбирҳоеро меандешад, ки барои таъмини ҳавопаймоҳои Тарафи Аҳдкунандаи дигар зарур мешуморад, ки ба амали ғасби ғайриқонунӣ ё дигар амалҳои мудохилаи ғайриқонунӣ дучор шуда, дар қаламрави он қарор дорад, боздошта шавад, агар парвози он ба зарурати ҳифзи ҳаёти мусофирон ва экипажи он пеш наомада бошад. Ба истиснои ҳолатҳое, ки имконпазир аст, чунин тадбирҳо бояд дар асоси машваратҳои мутақобила сурат гиранд.

7. Ҳангоми ҷой доштани ягон ҳодиса ё таҳдид вобаста ба ғасби ғайриқонунии ҳавопаймоҳои гражданӣ ё дигар амалҳои ғайриқонунии зидди

صورة طبق الأصل

бехатарии ҳавопаймоҳо, мусофирон ва экипажи он, фурудгоҳҳо ё воситаҳои аэронавигатсионӣ равонагардида, Тарафҳои Аҳдкунанда ҷиҳати таъмини алоқаи байниҳамдигарӣ ва андешидани дигар тадбирҳои зарурӣ, ҷиҳати ҳар чӣ зудтар пешгирӣ намудани ин гуна ҳодиса ё бартараф сохтани таҳдиди он ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд.

**Моддаи 17**
**Машваратҳо**

Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад дар ҳар вақти дилхоҳ гузаронидани машваратро оид ба тафсир, татбиқ ва амалӣ намудан ва ё ворид намудани иловаҳо ба Созишномаи мазкур, талаб намояд. Чунин машваратҳо бояд дар мӯҳлати 60 (шаст) рӯз пас аз гирифтани дархости хаттӣ, агар дигар усул байни Тарафҳо мувофиқа нашуда бошад, гузаронида мешавад.

**Моддаи 18**
**Ворид намудани тағйиру иловаҳо**

1. Агар яке аз Тарафи Аҳдкунанда хоҳиши ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишномаи мазкурро дошта бошад, метавонад машваратро дар ҳар вақти дилхоҳ бо Тарафи Аҳдкунандаи дигар гузаронад. Чунин машваратҳо тавассути муҳокима ё мукотиба сурат гирифта, бояд дар давоми 60 (шаст) рӯз пас аз гирифтани дархост амалӣ карда шавад. Тағйиру иловаҳои мувофиқашуда пас аз тасдиқи гирифтани огоҳиномаҳо тавассути роҳҳои дипломатӣ эътибор пайдо мекунанд.

2. Ворид намудани тағйирот ба Замимаи Созишномаи мазкур метавонанд тавассути мувофиқаи байни маъмуриятҳои авиатсионии Тарафҳои Аҳдкунанда таҳия карда шуда, мувофиқи тартиби дар модаи 22 Созишнома мазкур пешбинигардида эътибор пайдо намояд.

3. Агар Конвенсияи асосии бисёрҷониба ё Созишнома оид ба масъалаҳои фаъолияти алоқаи ҳавоӣ вобаста ба ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда эътибор дошта бошад, пас Созишномаи мазкур бояд ба таври илова ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи Конвенсияи бисёрҷониба ё Созишнома амал кунад.

صورة طبق الأصل

**Моддаи 19**
**Ҳалли баҳсҳо**

1. Дар сурати ба вуҷуд омадани ягон баҳс байни Тарафҳои Аҳдкунанда вобаста ба тафсир ё татбиқи Созишномаи мазкур, Тарафҳои Аҳдкунанда дар навбати аввал кӯшиш менамоянд, ки онро бо роҳи гуфтушунид ҳал намоянд.

2. Агар Тарафҳои Аҳдкунанда бо роҳи гуфтушунид дар давоми 60 (шаст) рӯз ба қароре наоянд, онҳо метавонанд баҳсро ҷиҳати ҳал ба ягон мақом ё бо дархости яке аз Тарафҳои аҳдкунанда ба суди ҳакамӣ (арбитражӣ) муроҷиат намояд. Дар сурати, агар баҳс ба суди арбитражӣ фиристода шавад:

а) ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳакамро пешниҳод мекунад; агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда натавонад дар давоми 60 (шаст) рӯз ҳаками худро таъин намояд, пас яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад Президенти Шӯрои Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданиро оид ба таъин намудани ҳаками Тарафи Аҳдкунандаи дигар хоҳиш намояд;

б) Ҳаками сеюм бояд шаҳрванди давлати сеюм бошад ва дар вақти таъин гардидан бо ҳар ду Тарафҳои Аҳдкунанда муносибати дипломатӣ дошта бошад, инчунин:

- байни Тарафҳои Аҳдкунанда вобаста ба ин бояд созишнома баста шавад;

- дар сурати ба имзо нарасидани Созишнома ва агар Президенти Шӯрои Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ ба иҷрои вазифаи дар боло зикргардида роҳ дода нашавад ё агар ӯ шаҳрванди яке аз ду Тарафи аҳдкунанда бошад, ҳаками сеюм аз ҷониби Ноиби Президент таъин мегардад.

3. Суди ҳакамӣ (арбитражӣ) қарорҳои худро бо аксарияти овозҳо мебарорад. Иҷрои қарорҳои суди ҳакамӣ (арбитражӣ) барои ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда ҳатмӣ мебошанд. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда хароҷоти узви худ, инчунин намояндаи онро дар суди ҳакамӣ (арбитражӣ) ба зиммаи худ мегирад, музди меҳнати раисикунанда ва дигар хароҷот байни Тарафҳои Аҳдкунанда баробар тақсим карда мешаванд. Ҳама гуна хароҷоти дигарро суди ҳакамӣ (арбитражӣ) ба зиммаи худ мегирад.

4. Суди ҳакамӣ (арбитражӣ) бояд кӯшиш намояд, ки дар давоми 60 (шаст) рӯз пас аз анҷом ёфтани мурофиаи судӣ ё баъди 60 (шаст) рӯз аз санаи гирифтани ҷавобҳои ҳар ду Тарафҳо қарори хаттиро пешниҳод намояд.

5.Қарори суди ҳакамӣ (арбитражӣ) ниҳоӣ ва барои тарафҳои баҳс ҳатмӣ мебошад.

6. Агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда қарори судро тибқи банди 5 моддаи мазкур иҷро накунад, Тарафи Аҳдкунандаи дигар метавонад ягон ҳуқуқ ё имтиёзҳоро дар доираи Созишномаи мазкур маҳдуд ё бекор намояд.

## Моддаи 20
## Қатъи амали Созишнома

Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад, дар ҳар вақти дилхоҳ ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар оид ба нияти қатъи амали Созишномаи мазкур тавассути роҳҳои дипломатӣ дар шакли хаттӣ огоҳинома ирсол намояд. Чунин огоҳинома бояд ҳамзамон ба Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ (ИКАО) фиристода шавад. Дар ин маврид, Созишномаи мазкур баъди 12 (дувоздаҳ) моҳ аз рӯзи аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар гирифтани огоҳинома қатъ мегардад, агар ин огоҳинома бо мувофиқаи тарафайн то гузаштани ин мӯҳлат бозхонда нашавад. Дар сурати мавҷуд набудани тасдиқи дастрас нашудани огоҳинома аз Тарафи Аҳдкунадаи дигар, баъди 14 (чордаҳ) рӯзи гирифтани огоҳинома аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ (ИКАО) он дастрасшуда маҳсуб меёбад.

صورة طبق الأصل

**Моддаи 21**
**Бақайдгирӣ**

Созишномаи мазкур ва ҳар гуна иловаҳо ба он дар Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ ба қайд гирифта мешаванд.

**Моддаи 22**
**Эътибор пайдо кардан**

Созишномаи мазкур пас аз бо роҳҳои дипломатӣ гирифтани огоҳиномаи хаттии охирини Тарафҳои Аҳдкунанда оид ба аз ҷониби онҳо иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатии дахлдор, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур зарур мебошад, эътибор пайдо менамояд.

Созишномаи мазкур дар рӯзи якуми моҳи навбатии аз таърихи гирифтани огоҳиномаи охирин эътибор пайдо менамояд.

Бо тасдиқи ҳамин, имзокунандагони зерин, ки ба таври дахлдор аз тарафи ҳукуматҳояшон ваколатдор шудаанд, Созишномаи мазкурро ба имзо расониданд.

Созишномаи мазкур дар ш. ал Кувайт «_15_» майи соли 2016 ду нусхаи аслӣ, ҳар кадом дар бо забонҳои арабӣ, тоҷикӣ ва англисӣ ба имзо расид ва ҳамаи матнҳо эътибори якхела доранд. Дар сурати ба вуҷуд омадани ихтилофи назар дар тафсир, матни забони англисӣ афзалият дорад.

| | |
|---|---|
| **Аз ҷониби Ҳукумати Давлати Кувайт** | **Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** |
| **Иссо Аҳмад Ал-Кандарӣ**<br>**Вазири коммуникатсия ва Вазири давлатӣ оид ба корҳои муниципалӣ** | **Шералӣ Ганҷалзода**<br>**Вазири нақлиёт** |

صورة طبق الأصل

## ЗАМИМА
## ҶАДВАЛИ ХАТСАЙРҲО

А) Самтҳое, ки аз ҷониби маъмурияти ҳавопаймоии таъингардидаи **Ҳукумати Давлати Кувайт** дар ду самт мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд:

| Нуқтаи парвоз | Нуқтаҳои мобайни | Нуқтаҳои таъинот | Нуқтаҳои берун аз ҳудуд |
|---|---|---|---|
| Нуқтаҳо дар Давлати Кувайт | Тамоми нуқтаҳо | Нуқтаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тамоми нуқтаҳо |

Б) Самтҳое, ки аз ҷониби маъмурияти ҳавопаймоии таъингардидаи **Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар ду самт мавриди истифодабарӣ қарор мегиранд:

| Нуқтаи парвоз | Нуқтаҳои мобайнӣ | Нуқтаи таъинот | Нуқтаҳои берун аз ҳудуд |
|---|---|---|---|
| Нуқтаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тамоми нуқтаҳо | Нуқтаҳо дар Давлати Кувайт | Тамоми нуқтаҳо |

В) Ширкати (ширкатҳои) ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад вобаста ба ягон парвоз ё тамоми парвозҳо, нуқтаҳои мобайнӣ ва нуқтаҳои берун аз ҳудудро дохил накунад, ба шарти агар хизматрасонии мувофиқашуда дар ин хатсайр дар қаламрави ин Тарафи Аҳдкунанда оғоз гардида, анҷом ёбад.

Г) Истифодабарии ҳуқуқи тиҷоратии дараҷаи панҷуми «озодии ҳавоӣ»-ро ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардида метавонад бо қарордодҳо байни маъмуриятҳои ҳавопаймоии ҳар ду Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқа намоянд.

صورة طبق الأصل